«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон профессор
Хушвахтзода Қ.Х.
_______________
“___” ________ 2022

# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ ЗАБОНҲОИ ОСИЁ ВА АВРУПОИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Шайдуллои Ҳоҷӣ дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ» (дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст. Диссертатсия дар кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Роҳбари илмӣ: Мухторов З.М. доктори илми филология, Ректори Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултети забонҳои Осиё ва Аврупо баррасӣ ва муҳокима гардида, аз таърихи 20.04.2022, қарори №8 ба ҳимоя тавсия шудааст.

Шурои олимони факултети забонҳои Осиё ва Аврупо диссертатсияи Шайдуллои Ҳоҷиро дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ» (дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ) бо ширкати муқарризон доктори илми филология, дотсенти кафедраи назарияи тарҷума ва услубшиносии Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Каримов Ш.Б. ва номзади илми филология, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Исмоилзода Э. баррасӣ ва муҳокима намуд.

Сараввал дотсент Каримов Ш.Б. баромад намуда, мавзуъро барои шохаи забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ хеле муҳим арзёбӣ карда, таъкид кард, ки дар диссертатсия мавзуе мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки ба рушди забоншиносӣ, хосатан ба бахши типологӣ, фарҳангу тамаддун ва ғанигардонии таркиби луғавии забони тоҷикӣ таъсири мусбат расонида метавонад. Таҳқиқи мазкур дар баробари он ки таркиби луғавии забони тоҷикиро ғанӣ мегардонад, ҳамчунин, заминаи мусоидро барои шинохти истилоҳоти интернетӣ, дуруст истифода кардани шабакаи интернет ва масъалаҳои дигар муҳайё карда метавонад. Шайдуллои Ҳоҷӣ дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ» (дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ

ва тоҷикӣ) маҳз барои равшанӣ андохтан ба омӯзиш ва таҳқиқи истилоҳоти интернетӣ кушиш ба харҷ додааст.

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари комёбию муваффақиятҳои илмӣ баъзе нуктаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо зарур буда, боиси боз ҳам боло рафтани ҳусни илмии диссертатсия хоҳанд гардид:

1. Қисми муқадимавии диссертатсия ва автореферат аз рӯи талаботи охирони Низомномаи КОА бояд таҷдиди назар карда шавад.

2. Дар диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ (саҳ. 15, 19, 32, 43, 57, 64, 60, 101, 113, 128, 133, 138, китобатӣ (саҳ. 84, 1130) ва услубӣ (саҳ. 120) ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо то пешниҳод ба Шурои дифоъ мувофиқи мақсад хоҳад буд.

3. Номи донишмандону забоншиносонро агар муҳаққиқ бо тартиби муайяни алифбо ва ё мувофиқи тартиби муайяни соли нашри асарҳо орад ба фоидаи кор мешавад.

4. Агар хуб мебуд, ки номи зерфаслҳои бобҳои дуюму сеюми диссертатсия иваз карда шаванд, яъне ба ҷойи “Сода” - “Истилоҳоти сода” ё ба ҷойи “Сермаъноӣ” – “Сермаъношавии истилоҳоти интернетӣ”.

Қайд карда шуд, ки нуқсонҳои мазкур ба арзиши илмии диссертатсия халал намерасонанд. Дисертатсияи Шайдуллои Ҳоҷӣ кори илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, дар сатҳи зарурии ҷавобгӯ ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шудааст.

Диссертатсияи Шайдуллои Ҳоҷӣ дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ» (дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ) таҳқиқоти пурра анҷомёфта буда, ба талаботи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ ва муаллифи дисертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор аст.

Номзади илми филология, дотсент Исмоилзода Э. дар баромади хеш нисбат ба диссертатсияи Шайдуллои Ҳоҷӣ иброз дошт, ки дар диссертатсия мавзуе мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки ба рушди забоншиносӣ, хосатан ба бахши истилоҳшиносии он, ғанигардонии таркиби луғавии забони тоҷикӣ таъсири мусбат расонида метавонад. Таҳқиқи мазкур дар баробари он ки таркиби луғавии забони тоҷикиро ғанӣ мегардонад, ҳамчунин, барои шинохти истилоҳ ва истилоҳофаринӣ ва масъалаҳои дигари забоншиносӣ заминаи мусоидро фароҳам оварда метавонад.

Дар диссертатсияи мазкур баъзе нуқсону камбудиҳо низ ба мушоҳида мерасанд, ки рафъи онҳо бар нафъи кор хоҳад буд. Аз он ҷумла:

1. Гоҳо такрори фикру андеша ва мисолҳои зикршуда ба чашм мехӯранд, ки таҷдиди назари онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

2. Дар диссертатсия ҷо-ҷо қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломати китобати он риоя нагардидааст, ки ба талаботи муқаррароти он қоида мутобиқ кардани маводи дисеертатсия ҳатмист.

3. Дар диссертатсия ғалатҳои техникӣ, имлой ва услубӣ низ баъзан ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои комил гардидани ҳусни рисола муҳим арзёбӣ мегардад.

4. Баъзе истилоҳот шарҳи амиқу дақиқ надоранд. Агар истилоҳот пурра шарҳ дода шаванд арзиши илмии диссертатсия бештар мегашт.

Тазаккур гардид, ки эродҳои зикршуда моҳияти илмии диссертатсияро кам намекунанд ва ислоҳшавандаанд. Диссертатсияи Шайдуллои Ҳ. кори илмии комилан анҷомёфта буда, дар сатҳи зарурии ҷавобгӯ ба талаботи корҳои илмӣ таълиф шудааст.

Дар қисмати саволу ҷавоб профессор Сулаймонов С. дотсентон Маҳмадов Ҷ. Қосимов Ҷ. иштирок намуда, ба саволҳои худ ҷавоби қонеъкунанда гирифтанд. Дар қисмати муҳокима профессор Мамадназаров А. баромад намуда, аз ҷумла, таъкид кард, ки таҳқиқи анҷомдодаи Шайдуллои Ҳ. дар забоншиносии тоҷик аҳамияти назаррасеро доро мебошад.

Ҳамин тариқ, вобаста ба баромади муқарризон – доктори илми филология, дотсенти кафедраи назарияи тарҷума ва услубшиносии Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Каримов Ш.Б. ва номзади илми филология, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Исмоилзода Э. натиҷаи саволу ҷавоб ва муҳокимаи кор шурои олимони факултети забонҳои Осиё ва Аврупо нисбат ба ҳусну қубҳи илмии диссертатсияи Шайдуллои Ҳоҷӣ ба чунин хулоса омад:

Диссертатсия ба мавзуи муҳим ва нави илми забоншиносӣ бахшида шудааст. Муҳаққиқ возеҳу бамаврид таъкид мукунад, ки таҳқиқ ва баррасии истилоҳот дар замони муосир диққати забоншиносонро ба худ ҷалб сохтааст, зеро бо пешрафти илму техника ҳамаруза истилоҳоти нав дар забон пайдо шудаистодаанд.

Муҳаққиқ қайд намудааст, ки диссертатсияи мазкур аввалин маротиба сабабҳои таҳаввулоти маънои истилоҳоти интернетиро муайян карда, инчунин бо мисолҳо ҳолатҳои метономия, метафора ва синекдохаро дар ин низом асоснок мекунад ва ҳамзамон роҳҳои риоя ва ҳифзи маънои устувори истилоҳотро мушаххас менамояд. Истилоҳоти интернетӣ бори аввал ба категорияҳои касбиву соҳавӣ ва мавзӯиву маъноии интернет дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ тасниф карда шудаанд. Бо назардошти ин, дар доираи ин диссертатсия тасмим гирифта шуд, ки истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди таҳқиқи мукаммали забоншиносӣ қарор дода шавад.

Унвонҷӯ ҷиҳати ба мақсаду ҳадафҳои худ ноил шудан ҳаллу фасли вазифаҳои зеринро зарур мешуморад:

- муайян намудани ҷанбаҳои назарии забоншиносии интернетӣ;

-баррасӣ ва таҳқиқ намудани роҳҳои ташаккули истилоҳоти интернетӣ ва ба марҳилаҳо тақсим кардани онҳо;

- таснифоти мавзӯъҳо ва категорияҳои соҳавии стилоҳоти интернетӣ дар асоси мисолҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ;

- муайян кардани хусусиятҳои сохтории истилоҳоти интернетӣ;

- таснифи ихтисораҳои истилоҳоти интернетӣ мувофиқ ба шаклу аломатҳои маъноӣ ва сохторӣ;

- омӯхтани хусусиятҳои гуногуни маъноии истилоҳоти интернетӣ;

- пайдо намудани омилҳои сермаъноии истилоҳоти интернетӣ;

- муайян кардани фарқияти омонимияи истилоҳоти интернетӣ ва воҳидҳои луғавии муқаррарӣ;

- гурӯҳбандии маъноҳои антонимии истилоҳоти интернетӣ;

- синонимҳо ва сабабҳои пайдоиши онҳо дар системаи истилоҳот ва таснифи синонимҳои истилоҳоти интернетӣ.

Барои расидан ба мақсаду ҳадафҳои таҳқиқ муҳаққиқ ба дастовардҳои илмии донишмандони хориҷӣ ва ватанӣ, аз ҷумла, С. В. Гринев, В. А. Татаринов, Н. В. Виноградова, В. М. Лейчик, А. Б. Кутузов, М.А. Лобанова, П. А. Горшков, Т. П. Смирнова, М. И. Мехеда, В. С. Вахитов, Е. В. Лушникова, Л. Ю. Королева, Э. С. Карпов, И. Е. Гутман, М. Б. Бахтина, О. А. Кармизова, М. С. Лукина, Д. Зауташвили, М. С. Шумайлова, А. Г. Ходакова, М. Ҳ. Султон, С. Назарзода, Т. Шарипов, З. М. Мусоямов, П. Г. Нуров, Т. К. Ҷураев, Ҳ. А. Асламов, ва дигарон такя намуда, аз онҳо самаранок истифода бурдааст.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар забоншиносии тоҷик истилоҳоти интернетӣ дар шакли комил мавриди таҳқиқи забоншиносӣ қарор гирифтаанд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсияи мазкур метавонад аз ҷиҳати ҷанбаҳои назарӣ барои муқоисаи истилоҳоти технологияи иттилоотии минбаъда заминаи асосӣ бошад. Хусусиятҳои назарӣ ва низоми истилоҳшиносие, ки дар таҳқиқоти мазкур нишон дода шудааст, дар рисолаҳои минбаъда метавонад барои таҳқиқоти муқоисавию таърихӣ, муқоисавӣ ва типологии истилоҳот ба сифати заминаи методологӣ хизмат кунад.

Аҳамияти амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар таҷриба барои омӯзиши истилоҳоти интернетӣ на танҳо ба мутахассисони соҳа, балки ба тамоми мардум дар раванди истифодабарии шабакаҳои интернетӣ маводи ёрирасон бошанд. Натиҷаҳои бадастомада, инчунин метавонанд ба тарҷумонҳо барои беҳтар кардани сифати кору фаъолияташон мусоидат кунад, зеро дар диссертатсияи мазкур роҳу усулҳои тарҷумаи истилоҳоти интернетӣ ба таври васеъ нишон дода шудааст. Таснифоти ихтисораҳои интернетӣ низ метавонад дар оянда ба фаолияти тамоми корбарони интернет осонӣ орад, зеро моҳият ва рамзҳои интернетӣ пурра ба забони тоҷикӣ дар шакли муодилҳои забон таҳия ва таҳлил гаштаанд. Маводи назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкур дар раванди таълим дар мактабҳои олӣ, равияи филологӣ ҳангоми гузаронидани лексияҳо, семинарҳо ва курсҳои

махсус ҳамчун дастури таълимӣ метавонад хидмат кунад. Азбаски муоширати интернетӣ бо рамзу аломатҳо дар кишварҳои хориҷа хеле маъмул ва мустаъмал гаштааст, маводи ҷамъовардашуда, ки бештар рамзҳо, сленг ва аломатҳои интернетиро дарбар мегиранд, метавонанд ба мардуми тоҷик як маводи ёрирасон дар раванди муоширати интернетӣ, тиҷорат, иқтисодиёт ва мубодилаи мухобирот низ хидмат кунад.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои ба табъ расонидаи муҳаққиқ муҳтавои диссертатсияро комилан инъикос менамоянд. Мундариҷаи асосии диссертатсия дар 5 мақола, аз ҷумла, 3 мақола дар журналҳои таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 мақола дар маҷмуаи конференсияи байналмилалӣ ва 1 мақола дар маҷмуаи конференсияи ҷумҳуриявӣ ба чоп расондаи муаллифи рисола инъикос ёфтааст:

[1-М] Шайдуллои Ҳ. Интернет: аз таърихи пайдоиш то мушкилоти тарҷумаи истилоҳоти он / Ш. Ҳоҷӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. –Душанбе: Сино, 2018. №6. –С. 114-117.

[2-М] Шайдуллои Ҳ. Таҳлили сохтории абревиатураҳои истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / Ш. Ҳоҷӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи “Масъалаҳои мубрами типологияи муқоисавӣ, тарҷума ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар давраи муосир” (Маҷаллаи илмӣ). –Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020.-С. 128-131.

[3-М] Шайдуллои Ҳ. Ҷанбаҳои назарии истилоҳот ва лексикаи соҳавӣ дар забоншиносии муосир / Ш. Ҳоҷӣ // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Ҷанбаҳои лингвистию муқоисавии омӯзиш ва тадриси забонҳои хориҷӣ дар шароити бисёрфарҳангии таҳсилот” (Маҷаллаи илмӣ).–Душанбе: Матбааи ДДЗТ ба номи С. Улуғзода, 2021 –С. 52-55.

[4-М] Шайдуллои Ҳ. Таҳлили сохторӣ ва маъноии ихтисораҳои истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Ш. Ҳоҷӣ // Паёми Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода (Маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. –Душанбе: Сино, 2021. №3. – С. 59-63.

[5-М] Шайдуллои Ҳ. Заминаҳои назарии забоншиносии интернетӣ / Ш. Ҳоҷӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. –Душанбе: Сино, 2022. №2. –С. 114-117.

Вобаста ба дастовардҳои зикршуда, шурои олимони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои бо қарори №10, аз таърихи 28.06.2022 диссертатсияи номзадии Шайдуллои Ҳоҷиро дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ» (дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ) кори арзишманд арзёбӣ намуда, онро таҳқиқи илмии комилан анҷомёфта меҳисобад. Диссертатсия ба талаботи

корҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, онро метавон ба баррасии шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ тавсия намуд.

Иштирок доштанд: 19 нафар аъзои шурои олимон.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 19 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

Раиси шурои олимон, номзади илми
филология, дотсент Шодиев Рустам Азизуллоевич
тел.: (+992) 919270791
почтаи эл: Shodirys@mail.ru

Муқарризон:
доктори илми филология, дотсенти
кафедраи назарияи тарҷума ва
услубшиносии Донишгоҳи омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Каримов Шуҳрат Бозорович
тел.: (+992) 985112475
почтаи эл:

номзади илми филология,
дотсент, мудири кафедраи
умумидонишгоҳии
забони англисии ДМТ Исмоилзода Эраҷ
Тел.: (+992) 918310388
E-mail: erix-is@mail.ru

Котиби шуро, дотсент Абдулҳадов Ҷумъахон
Телефон: (+992) 939207777
E-mail: mehrbakhsh@inbox.ru

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Телефон: (+992-37) 221-77-11 Факс: (+992-37) 221-48-84
E-mail:info@tnu.tjint.re@gmail.com http://www.tnu.tj

Имзои: Шодиев Р. А., Исмоилзода Э.
ва Абдулаҳадов Ҷ.-ро
«Тасдиқ мекунам»
сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э. Ш.

Имзои Каримов Ш.Б.-ро
«Тасдиқ мекунам»
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.